# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар мавзӯи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Ҷуворимакка яке аз зироатҳои асосӣ ва афзалиятнокӣ дони ва хӯроки чорво буда, заминҳои обёришаванда дар кишти асосӣ ва ангорӣ парвариш карда мешавад. Мавриди қайд аст, ки дар мамлакат имкониятҳои воқеии зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодабарии заминҳои обӣ, захираҳои биоиқлимӣ ва барои дар як сол гирифтани ду ҳосили дон мавҷуд аст.

Корҳои илмӣ таҳқиқотии унвонҷӯ Аламуратов Бахтиёр Боронович махс ба самтҳои самаранок истифода бурдани заминҳои обӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидааст.

Унвонҷӯ аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронида муайян намудааст, ки дар шароити иқлими минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҳосили баланди баргу пояи сабз дар варианти 50 ҳазор бех дар як гектар аз навъҳои ҷуворимаккаи Аскар -49,0 тн/ га, Зоҳир – 53,0 тн/ га, Шӯхрат -56,0 тн/ га ва варианти 60 ҳазор бех дар як гектар аз навъи Дилшод (52,4 т/га) рӯёнида шуданд.

Инчунин унвонҷӯ муқаррар намудааст, ки нишондоди ҳосили дон дар якҷоягӣ бо гандуми тирамоҳӣ, ҳамчун зироати асосӣ дар рӯёнидани ду ҳосили дон дар заминҳои обӣ мутаносибан ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои тавсияшаванда 13,9; 13,5; 12,6; ва 14,4 т/га мусоидат менамояд. Муаллиф самараи иқтисодии истифодаи вариантҳоро муайян кардааст, ки дар ҳолати 50,0 ҳазор/ га-и навъҳои Аскар, Зоҳир, Шӯхрат ва варианти 60,0 ҳазор/ га ниҳоли навъи Дилшод нишондоди пасттарини арзиши аслии дон – мутаносибан ба навъҳо 94,9; 100,5; 116,0 ва 88,7 сомонӣ га ва нишондоди баландтарини даромади соф- 3910,5; 3314,6;

1973,6; 4655,6 сомонӣ га, дараҷаи даромадноки – 58,0; 49,2; 29,3; ва 69,0 % ба даст овардан имконпазир аст.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ кори ба анҷом расидаи илмӣ буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муалифи он ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр кардани кадрхои
илмии Филиали институти зироаткории
АИКТ дар вилояти Суғд, номзади илмҳои
кишоварзӣ бо ихтисоси 06.01.05– селексия
ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Ҷ. А. Валиев

Имзои Ҷ. А. Валиев-ро тасдик менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрхо: М.Зокирова

Суроға:735691, Ҷумҳурии Тоҷикистон,вилояти Суғд,н.Б.Ғафуров,ҷамоати Исфисор кӯчаи ба номи Алиев А. 1, E-mail:ziroatkor.sugd@mail.ru